## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.**

Рушди деҳот, хусусан инфрасохтори иҷтимоии он дар миқёси ҷамоат, ноҳия, минтақа ва ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави тараққиёти худ мегузаранд ва ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи он, дар бахшҳои алоҳида: хизматрасонӣ, алоқа, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, манзилӣ – коммуналӣ, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ назари навро талаб мекунанд, ки ба рушди онҳо таъсири хоси худро мерасонанд, дар натиҷа сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ афзоиш меёбад, фарқияти деҳот ва шаҳр коста мегардад. Ин марҳилаи нав, ки суръати рушди кишоварзиро таъмин менамояд, дар оянадаи наздик аҳамияти умумибашарӣ, гуногуншаклӣ ва ҳамчун омилҳои нави рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот баромад мекунад, ки эҷоди шаклҳои нави ташкилотҳои ҷамъият ва такмили мавҷудаҳоро талаб менамояд. Гарчанде, ки ин мушкилот метавонад мавзуи омӯзиши махсуси олимони соҳаи аграрӣ бошад, ҳамзамон онҳо якҷоя рушди босифати тамоми низоми инфрасохтори иҷтимоӣ - маориф, тандурустӣ, хадамоти иттилоотӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, савдо ва хизматрасонии маишӣ, тиҷорат ва хӯроки умумӣ, коммуникатсияи наклиёти автомобилӣ ва ғайра, унсурҳои истифодаи самараноки онҳо то дараҷаи ҳалкунандаи рушди устувори тамоми комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва хусусан ҳар як мавзеъ, вилоят, ноҳия, ҷамоат ва деҳот вобастаанд, амалӣ шуда метавонанд. Гузариш ба механизми бозоргонӣ ҳатман омодагии ҳамаҷонибаи соҳаҳои иҷтимоии аҳолии деҳотро дар бар мегирад, ки мафҳуми он бояд бо назардошти муносибати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, демографӣ, қавмӣ, таърихӣ, маданӣ-фарҳангӣ дар шароити вуҷуд доштани изофаи захираҳои меҳнатӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, бояд ҳалли худро ёбад. Аз ин рӯ, дар шароити нави иқтисодӣ вазифаҳои ҳалли мушкилоти иҷтимоии деҳот бо афзоиши нақши ҳукуматҳои маҳаллӣ дар ташкили рушди иқтисодиёти деҳот ва бунёди объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ки зич алоқаманданд, мавриди таҳқиқи мавзуъ интихоб шудаанд, ки мубрамияти онро муаррифӣ менамояд.

Дар асоси омӯзиши асарҳои олимони соҳаҳои мухталиф марбут ба моҳият, мафҳум ва самтҳои назариявии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, мақсад ва натиҷаи ҳолати рушди онҳоро таҳлил намуда, дар асоси он, унсур ва қисматҳои муайянкунандаи онро пешниҳод намудааст.

Муаллиф, дар кори мазкур асарҳои олимонӣ зиёди хориҷӣ ва ватаниро мавриди таҳқиқ қарор дода, ақидаҳои онҳоро гурӯҳбанди намуда, диди худро оид ба мафҳуми мазкур васеъ ва мушаххас баён намудааст, ки дар пояи назариявии илмӣ мазкур ҳамчун як асос хизмат менамояд ( - С.20 – 22).

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили мафҳумҳои дар боло оварда шуда ҷузъҳои инфрасохтори иҷтимоиро ба чор гурӯҳи алоҳида, вале бо ҳам

пайваст ва алоқаманд бо зерсохторҳои онҳо муаррифӣ намудааст (расми 1.1.2. – С.24), ки қобили қабул шуда метавонад.

Диссертант мушкилот, нақш ва вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро мавриди таҳқиқ қарор дода, манбаъҳои асосии онро, ки ба банақшагирии рушди деҳот, таъсири хоси худро мерасонанд, тарҳрезӣ намудааст (расми 1.2.1. – С.30), ки ҷолиби диққат аст.

Дар навбати худ таъмини рушди иқтисодии деҳот ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии онро муайян кардааст (расми 1.2.3. – С.34) бо назардошти он консепсияи асосие, ки рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таъмин менамояд, бо қисматҳои он таҳия ва пешниҳод намудааст, ки ҳаҷун навгонии илмӣ шуморидан мумкин аст (расми 1.2.4 ва 1.2.5. – С.36 – 37). Таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, масъалаи бисёрҷабҳа буда, самтҳои гуногун, вазифа, мақсад ва натиҷабардории мушаххасро дорост, аз ин лиҳоз пешниҳодҳои дар кори мазкур оварда шуда метавонанд, то андозае ҳалли мушкилотҳои онро амалӣ намоянд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳолати кунунӣ, дуруст, амиқ ва асоснок намудани мавқеъ ва сиёсати таҷрибаи хориҷӣ ва дар натиҷаи он, таҳияи сиёсати рушди иқтисодию – иҷтимоии деҳот аз он ҷумла он кишварҳое, ки минтақаҳои деҳот, гуногунии сохтори иҷтимоию иқтисодии табиӣ ва иқлимии онҳо шартан наздик ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (ШМА, Исроил, Чин, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Русия) мебошанд, пешниҳод намудааст, хусусан принсип ва тадбирҳои амалигардонии сиёсати рушди деҳот (ҷадвали 1.3.1. – С.46), ки зарур мебошад, хеле муфид аст. Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашудаи давлатҳои хориҷӣ таҷрибаи ғании бисёреро дар татбиқи чораҳои СРД гирд оварда, истифодаи онҳоро тавсия намудааст. Чунки ин бахшҳо дар рушди сиёсати иҷтимоии на танҳо як минтақа, балки барои ҷумҳурӣ аҳамияти хосеро дороянд ва истифодаи он дар ояндаи наздик ба рушди деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷумла инфрасохтори иҷтимоии он таъсири назарраси мусбӣ бахшида метавонанд. Барои такон додани сиёсати рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз таҷрибаи давлатҳои мушаххас як қатор принсипҳо ва тадбирҳои амиқ, ки барои ҳалли он мусоидат менамоянд ва муҳимияти онро нишон медиҳанд, интихоб ва пешниҳод шудааст (ҷадвали 1.3.2. – С.53).

Диссертант дар асоси таҳлилҳои гузаронидаи худ чунин иброз медорад, ки рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамчун як ҷузъи истеҳсолот бевосита ба натиҷаи фаъолияти ниҳоии инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири худро мерасонад, аз ин лиҳоз ҳолати кунунии соҳаи мазкурро бо нишондиҳандаҳои амиқи оморӣ, иқтисодӣ зери таҳлил қарор дода, дастовардҳо ва камбудиҳои онҳоро муайян намуда, ба хулосае омадааст, ки тағйирёбии натиҷаи соҳаи растанипарварӣ аз ҳосилнокии зироатҳо бевосита, вобаста мебошад (ҷадвали 2.1.3. – С.61).

Қазияҳои коҳиш ёфтани ҳосилнокии баъзе зироатҳоро, дар нодуруст ё нокифоя истифода бурдани воситаҳои гардон, заҳркимиё, низоми нуриҳо аз он ҷумла минералӣ, тухмиҳои сифатан  паст, риоя накардани технологияи коркади замин ва самаранок истифода нашудани онҳо мебинад.

Соҳаи дигари кишоварзӣ, ки бо истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ машғул аст, ин чорводорист, дар солҳои таҳқиқотӣ афзоиши саршумори чорво, паранда ва истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти онҳо ба назар мерасад, ки рақамҳои оварда шуда аз он гувоҳӣ медиҳанд (ҷадвали 2.1.4., 2.1.5. ва 2.1.6. – С.62 - 64).

Унвонҷӯ ҳангоми таҳлили ҳолати инфрасохтори хизматрасонӣ чунин мешуморад, ки баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлатӣ мутамаддин мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он шомил аст. Ҳолати ҳозираи тафовути сифати зиндагии мардуми деҳот ва шаҳр дар кишвар мутаассифона, хеле фарқиятеро дорост, ки дар натиҷаи он муҳоҷирати сокинон аз деҳот идома ёфта истодааст. Муҳайё намудани шароити муфид баҳри зиндагии бароҳати аҳолии деҳот тавассути рушди соҳаи мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ мебошад. Унвонҷӯ иброз медорад, ки дар кишоварзӣ мавқеи хосеро дар байни қувваҳои истеҳсолкунанда замин ва захираҳои меҳнатӣ ишғол менамоянд, ин ду омил ҳамчун фишангҳои асосии таъсирбахш, ки рушди соҳаро таъмин менамоянд баромад мекунанд ва ба натиҷаи иқтисодии он таъсири худро мерасонанд (ҷадвали 2.1.9. – С.69). Беҳтар гаштани ҳолати иқтисодиёти кишоварзии НТҶ баланд бардоштани самаранокии меҳнат дар натиҷаи ворид намудани дастовардҳои илм, технологияи сарфакунандаи захираҳо, беҳтар гаштани дараҷаи механиконии равандҳои истеҳсолӣ, ивази корҳои дастӣ бо техника, ки дар натиҷаи коҳиши хароҷоти меҳнат (53,66%), маҳсулоти зиёде ба даст омадааст.

Маълумоти овардашуда оид ба ҳолати инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар НТҶ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳолати афзоиши аҳолӣ ва рушди инфрасохтори мазкур начандон мутобиқат мекунанд аз он ҷумла дар самти маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, соҳаи тандурустӣ (- С.71), маориф (- С.72-75), хизматрасонӣ ба пирон ва маъюбон ( – С.76) рушд ётфа истода бошанд ҳам, вале ба талаботи замона пурра ҷавобгӯ нестанд ва ҳалли қазияҳои мавҷударо металабанд. Яке аз соҳаҳои муҳимтарини инфрасохтори иҷтимоӣ ин соҳаи манзилӣ - коммуналӣ мебошад. Ҳолати кунунии масоҳати манзилҳои истиқоматӣ (ҷадвали 2.2.2.1 то 2.2.2.6. – С.79 - 83) дар миқёси шаҳр ва деҳот вобаста ба моликият начандон ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Ҳолати соҳаи дигаре, ки рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бо он пайваст мебошад ин хизматрасониҳои коммуналист, ки аҳолии НТҶ бо гармӣ ва оби нӯшокӣ таъмин мекунанд (ҷадвали 2.2.2.8 ва 2.2.2.9. – С.85 - 86), низ ба меъёрҳои дигар давлатҳо начандон ҷавобгӯ ҳастанд.

Дар кори мазкур таҳлили иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии деҳоти НТҶ мавқеи хосеро ишғол намудааст, ки бо рақамҳои мушаххас камбудӣ ва бартарии он мавриди таҳлил қарор ёфтааст, ба монанди: ҳаҷми хароҷотҳои буҷетӣ (ҷадвали 2.3.2. – С.90), таъсири ҳаҷми андозаи шаҳру ноҳияҳо ба буҷет (ҷадвали 2.3.3. – С.90), хароҷоти буҷет дар соҳаҳои алоҳидаи инфрасохтори иҷтимоӣ (ҷадвали 2.3.4. – С.92 ) ва ҳолати сатҳи зисти аҳолӣ (ҷадвали 2.3.7. – С.96). Дар асоси маводҳои таҳлилшуда унвонҷӯ пешниҳодҳои мушаххаси худро таҳия намудааст, ки ҷолиби диққат аст.

Дар зербоби 3.1 унвонҷӯ чунин мешуморад, ки вазъияти истифодаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳими инкишофдиҳандаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва тараққиёти рушди устувори он, ба фаъолияти тамоми соҳаҳои он таъсири худро мерасонад. Аз ин лиҳоз, дурнамои тараққиёти онро дар асоси динамикаи афзоиш таҳия ва пешниҳод намудааст (ҷадвали 3.1.3. – С.106), (дар дахсоли оянда ҳаҷми МУ ба 144,73% бояд афзоиш ёбад). Дар он, афзоиши бештарро, ба сектори хоҷагиҳои ҷамъиятӣ додааст, чунки ин самт ояндадор буда, чунин шакли хоҷагидорӣ тадриҷан мавқеи хосеро ишғол менамояд (– С.106).

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳаи кишоварзиро технологияҳои пешқадам таъмин менамоянд, дар партави ин истифодаи инноватсия дар системаи обёрии соҳаи растанипарварӣ пешниҳод шудааст, ки истифодаи обёрии қатрагӣ нисбат ба системаи обёрии вуҷуддошта ҳосилнокии пахтаро ба 48,5 сентнер/га расонидааст, ҳол он ки бо усули муқаррарии обёрӣ (ҷӯякӣ) 20,1 сентнер/га буда, афзоиши он 28,4 сентнер/га мебошад. Ба ҳамин монанд технологияи мазкур афзоиши ҳосили дигар зироатҳо, аз қабили: ҷуворимакка – 44,8 сентнер/га, меваҷот – 37,4 сентнер/га ва сабзавот 91,0 сентнер/га – ро таъмин намуда метавонад, дар натиҷа на танҳо ҳосили баланд, балки сарфаи назарраси иқтидори захираҳо, коҳиш ёфтани хароҷоти меҳнати вазнини дастӣ, сарфаи об, (дар айни замон дар ҷаҳон ба мушкилоти шадидтарини таъмин бо оби нӯшокӣ вуҷуд дорад), инчунин ҳифзи табиат, беҳтар намудани вазъияти экологии аҳолӣ, хело муҳим мебошад (– С.108-109).

Чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад, суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳолати фондҳои асосии истеҳсолӣ, хусусан қисми фаъоли он, парки мошину – тракториро таъмин менамояд. Исбот шудааст, ки барои ба эътидол овардани талаботи соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар НТҶ ба техникаҳои лозима, ки миқдоран дар ҳолати кунунӣ мувофиқи меъёри тавсия шуда ба талабот начандон ҷавобгӯ мебошанд, барои онро таъмин намудан маблағи зиёде лозим аст, ки онро молистеҳсолкунандагон бояд марҳила ба марҳила амалӣ намоянд. Барои таъмини норасогии ҳаҷми техникаи кишоварзӣ 632152,5 ҳаз.сомонӣ маблағ, аз он ҷумла тракторҳо – 28080,0 ҳаз.сомонӣ, тухмипошакҳо – 2565,0 ҳаз.сомонӣ ва нармкунакҳои тракторӣ – 3937,5 ҳаз.сомонӣ лозим аст, таҳия ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти амалиро дорост (– С.110 - 111).

Дараҷаи рушд ва ташаккули низоми иҷтимоии деҳот асосан аз ҳолат ва намудҳои иншоотҳои инфрасохтори он муайян карда мешавад, ки ба ҳамкории самарабахши ҳамаи самтҳои фаъолият, хусусан ба беҳгаштани иқтисодиёти деҳот мусоидат мекунанд. Барои амалӣ намудани он модели консептуалии ташаккули инфрасохтори иҷтимоии деҳотро пешниҳод кардааст (расми 3.2.1. – С.115). Дар модели пешниҳод гашта таркиби ҷузъҳои асосии он, субъектҳои функсионалӣ, вазифаҳо, принсипҳои фаъолият, омилҳои ташаккулдиҳанда, афзалиятҳои ҳавасмандгардонии давлатӣ оид ба маҳал, таркиби ҷузъҳо ва зер системаи ёрирасони инфрасохтори иҷтимоии деҳот мушаххас акси худро ёфтаанд, ки амалӣ гаштани он, сатҳ ва ҳолати самаранокии соҳаҳои онро мусоидат ва таъмин менамоянд. Қисматҳои амалӣ намудани натиҷаи таъсири

модели рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва самаранокии онро ба шакли сегона, тавсия намудааст (расми 3.2.2. – С.116). Рушди ояндаи инфрасохтори иҷтимоӣ маблағгузориҳои иловагиро талаб менамояд, дар асоси динамикаи маблағгузории буҷети давлатӣ (солҳои сипаригаштаи таҳлилӣ), ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳо ва дигар маблағгузориҳоро ба рушди инфрасохтори иҷтимоии НТҶ ба назар гирифта, таъмини онро то давраи соли 2025 ва 2030 таҳия намудааст (ҷадвали 3.2.4. – С.126).

Унвонҷӯ дар асоси маълумоти дақиқ, муаммоҳои кунунии сиёсати иҷтимоии давлатро муайян намуда, қазияҳои кунунии он (расми 3.3.2. – С.144), сохтори ба танзимдарорӣ (расми 3.3.3. – С.146), шакли намунавии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи манзилӣ - коммуналӣ (расми 3.3.4. ва расми 3.3.5. – С.147 - 148) ва модели идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоии деҳотро (расми 3.3.6. – С.154) таҳия ва пешниҳод намудааст, ки ҷолиби диққат ва амалишаванда мебошад.

Дар маҷмуъ рушди соҳаи кишоварзӣ, инкишофи соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, инфрасохтори иҷтимоии деҳот, идоракунии давлатӣ, коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ, хизматрасонӣ, ҳолати экологӣ беҳтар ва рушд ёфта, фарқият вуҷуд дошта (дар истеҳсолот, истеъмолот мушкилот дар бахшҳои алоҳидаи манотиқи аҳолинишин) байни шаҳр ва деҳот тадриҷан хело коста гашта, инсон аз ҳаёти худ қаноатбахш мегардад, таъсири худро мерасонанд, акси худро ёфтааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 9 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ дар 9 банд акси худро ёфтаанд. Амиқии натиҷаҳои овардашуда баҳсталаб нестанд.

Докторанти (PhD), дар меҳвари вазифаҳои гузошташуда бо назардошти таҳқиқотҳои амалӣ гаштаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ моҳият, мақсад, аҳамияти мафҳуми инфрасохтори иҷтимоии деҳот, ақидаи худро оид ба он пешниҳод намуда, қазияҳои мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳоро бо назардошти хусусиятҳои ҷумҳурӣ ва давлатҳои хориҷа ба хулосаҳои назаррас омадааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз маҷмуи муносибатҳо оид ба омӯзиш ва таҳияи қоидаҳои назариявӣ, заминаи методологии мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, захираҳои истеҳсолӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва экологии рушди деҳот ва самтҳои умедбахши ҳалли онҳо таъсири бевосита мерасонанд, иборатанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмӣ – амалии таҳқиқот, муаллиф онҳоро ҳамчун механизм, роҳ ва воситаи таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, ки самаранокии соҳаҳои мухталифро амалӣ менамояд (бо назардошти иқтисодӣ бозоргонӣ), дар бар мегиранд.

Баъзе тавсияҳоро оид ба такмил ва таъмини соҳаи кишоварзӣ (технологияи муосир ҳолати базаи моддӣ - техникӣ, маблағгузории он, дурнамои рушд), соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ: маориф, тандурустӣ, манзилӣ – коммуналӣ, хизматрасонии пулакӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, идоракунӣ ва ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар амалия татбиқ намудан мумкин аст.

Ҳамчун шахсият, диссертант Исматуллозода С.И. аз лаҳзаҳои фаъолияти илмиаш худро ҳамчун докторанти фаъол ва ҷӯянда нишон дода, дар

конфронсу чорабиниҳои илмӣ фаъолона ширкат намуда, маводҳои таҳқиқотиашро ба чоп расонидааст. Дониши баланд, меҳнатдўстӣ, қавиирода будан ва рафтору кирдори Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло – ро ба инобат гирифта, ба боварии комил гуфта метавонам, ки ў дар оянда ҳамчун мутахассиси намоёни соҳаи иқтисодиёти комплеси агросаноатӣ саҳми арзандаи худро дар тарбияи кадрҳои баландпояи соҳаи КАС-и ҷумҳурӣ ва рушди ватанӣ азизамон мегузорад.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти гузаронидашуда, кори илмии анҷом ёфта мебошад, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва методии нави мавзуи таҳқиқотшавандаро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, рисолаи илмӣ дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рўйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гаштааст, тибқи Низомномаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талабот ҷавобгў буда, унвонҷў Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло – ро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – аз рўйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ сазовор меҳисобам ва барои ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи ташкили
истеҳсолти кишоварзӣ дар корхонаҳои
КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Насиров Р.

Тел: +992 888006456

Имзои д.и.и., профессор Насиров Р – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи
таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х

Тел: +992 901310075